## ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Камолов Хуршедулло Субҳонқулович дар мавзуи «Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Камолов Хуршедулло Субҳонқулович фарогирандаи ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад, ки дар марҳилаи кунунӣ мубрамияти бештарро пайдо намудааст. Зеро баъд аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қабули Кодекси ҷиноятии ҶТ дар ин марҳилаи рушди давлатдории миллӣ, то ба ҳол таҳқиқоти маҷмуӣ, ба хусус, ба забони давлатӣ оид ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон анҷом наёфтааст. Чунин ҳолат зарурати омӯзиши бештари ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро ба вуҷуд овард.

Ҷараёнҳои ҷаҳонишавӣ ва рушди муносибатҳои ҳуқукии байнидавлатӣ тақозо менамоянд, ки дар марҳилаи муосири инкишофи ҳуқуқи байналмилалӣ бештари муносибатҳое, ки дар ибтидо мавзуи танзими ҳуқуқи дохилидавлатиро ташкил медоданд, аз тарафи ҳуқуқи байналмилалӣ ба танзим дароварда шаванд. Ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ муносибатҳои соҳаи танзими мавзуи муштаракро ба танзим дароварда, дар ин самт фаъолона ҳамкорӣ менамоянд. Зимнан, механизми иртиботи онҳо асосан дар доираи ҳуқуқи миллӣ муайян карда мешавад. Аз ташкили дахлдори ин механизм, ноил гардидани мақсадҳои танзими ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллии муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки ба объекти ҳардуи низоми ҳуқуқӣ мансуб мебошанд, вобастагӣ дорад. Андешаҳои илман асоснок дар хусуси табиат ва шаклҳои ҳамкории ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ дар бештари мавридҳо асоси муайян намудани воситаҳо ва тарзҳои амалисозии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар ҳудуди давлат, ташаккули механизми ҳуқуқии миллии таъмини амалисозии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро ташкил медиҳанд. Ҳангоми омоданамоии лоиҳаи қонунҳои дахлдор, маҳз чунин андешаҳои илмии асоснок ба роҳбарӣ гирифта мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ яке аз проблемаҳои мураккаби ҳуқуқи дохилидавлати ба ҳисоб меравад. Дар робита ба ин, бояд мавқеи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, ҳудуди татбиқи онҳо дар ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон ва таносуби онҳо ҳангоми

танзими муштараки муносибатҳое, ки ба объекти ҳуқуқи ҷиноятӣ мансуб мебошанд, муайян карда шаванд.

Гарчанде ки баъзе ҷанбаҳои ин масъала дар корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, вале ҳанӯз ҳам қисме аз онҳо ба таҳқиқоти минбаъда ниёз доранд. Зеро дар адабиёти ҳуқуқӣ ҳанӯз ҳам табиати ҳуқуқии баъзе институтҳо, ки меъёрҳои онҳо дар заминаи ҳуқуқи байналмилалӣ ташаккул ёфтаанд, нодуруст тавзеҳ дода мешаванд ва бо назарияи муосири ҳуқуқи байналмилалӣ мухолифат менамоянд. Дар ин маврид, асосан, дарки категорияҳои худиҷрошавандагӣ ва худиҷронашавандагии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мушкил мебошанд. Масъалаҳои амали бевоситаи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусияти ҳуқуқи ҷиноятидошта, таносуби ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалию миллӣ ва монанди инҳо ба таври мухталиф ҳал карда мешаванд. Бахусус, масъалаи мавқеи ҳуқуқии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми қонунгузории миллӣ ва бартарияти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба меъёрҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ аз ҷумлаи масоили баҳсбарангез буда, дар атрофи онҳо муқаррароти қонунгузорӣ ба таври мухталиф тавзеҳ дода мешавад.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти анҷомпазируфтаи Камолов Х.С. маҳз ба ҳамин масъала бахшида шуда, дар шароити имрӯза мубрамияти хоси худро доро мебошад.

Маврид ба тазаккур аст, ки бо инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ, баинобатгирии таҷрибаи байналмилалӣ, инкишофи забони давлатӣ, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон, зарурати такмили қонунгузории ҷиноятӣ, аз ҷумла татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон, ба миён омадааст. Ҳамчунин, аз таҳлил ва баррасии диссертатсияи Камолов Х.С. чунин хулоса намудан мумкин аст, ки он дар ҳамбастагӣ бо омӯзиши татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ба анҷом расида, диссертант мушкилиҳоеро, ки ба рушди институти мазкур дар марҳилаи муосири инкишофи ҷомеа монеа эҷод мекунанд, ошкор намуда, пешниҳодҳо ва тавсияҳои мушаххаси илман асоснокро ироа менамояд.

Гуфтаҳои болозикр бори дигар шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар замони имрӯза омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон мубрам буда, саривақтӣ будани таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷуро исбот менамоянд.

2. Диссертатсия таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа,

нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда, метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ, бартараф намудани мушкилоти таҷрибаи судӣ дар ин самт ва раванди таълим ба тарзи фаррох истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Бинобар ин, қайд намудан ба маврид аст, ки диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқ буда, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019, ки мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи қабули диссертатсияҳоро барои ҳимоя дорад, пешниҳод шудааст.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 16 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 11 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Камолов Х.С. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровард шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад..

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Камолов Х.С. маълумоти ғайрисаҳеҳ дида намешавад.

Банди 61-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Камолов Хуршедулло Субҳонқулович дар мавзуи «Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

**Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

**Сафарзода Ҳаёт Сайдамир** – профессори кафедраи пешгирии терроризм ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия – муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Санаи ҳимоя 23 декабри соли 2023, соати 10:00 таъин карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Азиззода У.А.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Назаров А.Қ.

**Аъзои комиссия:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи криминалистика
ва фаъолияти экспертизаи судӣ — Давлатзода К.Д.